**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С. Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

**Аҳамияти мавзуи диссертатсияи** номзадии Раҳмонова Дилрабо Искандаровна, пеш аз ҳама дар он аст, ки дар илми забоншиносии тоҷик бори аввал “Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С. Айнӣ)» аз нигоҳи забоншиносӣ ба риштаи пажуҳиш кашида шудаанд.

Нахв як ҷузъи муҳимми забоншиносии умумиро ташкил медиҳад ва наҳви ин бахш барои равшан намудани бисёр масъалаҳои то ҳол муфассал таҳқиқнагардида нақши муҳим дорад. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда ба қатори ҳамин гуна масъалаҳои то ҳол муфассал таҳқиқнагардида дар қиёс бо дигар забонҳои ҷаҳонӣ дохил мешавад.

Бо дарназардошти ҳамин рисолаи номзадии Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С. Айнӣ)», барои ошноӣ ба ҳамин қисми забоншиносӣ мусоидат менамояд ва бо дарназардошти моҳияти мавзуи мазкури таҳқиқкарда он ба самти забоншиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии **10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пурра мувофиқат мекунад.**

Дастгоҳи илмии таҳқиқ қавӣ буда, таҳқиқи фишурдаи рисолаи номзадии Раҳмонова Дилрабо Искандаровна нишон дод, ки дар таълифи он муаллиф заҳмати зиёде кашида, 6000 адад баргаҳо (картатека)-ро ҷамъоварӣ намуда, осори илмии ба мавзуъ бахшидашударо амиқ ва ҷиддӣ омӯхтааст. Бояд гуфт, ки таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаб чун як қабати махсуси грамматика, на танҳо дорои аҳаммияти назарӣ, балки дорои аҳаммияти амалӣ низ мебошад. Ҷиҳати назариявию амалии онро ҳам ҷанбаи фарҳангиву маърифатӣ ва ҳам ҷанбаи иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи муқоисавии ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави

муйянкунанда дар забони тоҷикӣ ва англисӣ бисёр муҳим ва саривақтӣ мебошад.

**Навгонии илмии диссертатсия дар он аст, ки** кори диссертатсионӣ аввалин таҳқиқоти мушаххас ва фарогири шаклҳои гуногуни воҳидҳои забонӣ ҳамчун наҳви забошиносии қиёсӣ буда, баррасӣ ва натиҷагирии онҳо барои ҳаллу фасли минбаъдаи мавзуъҳои ҳалталаби грамматикаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

**Асосҳои методологии таҷҳқикро** тасниф ва таҳлилу таҳқиқи мавод аз тариқи методҳои зерини таҳқиқоти лингвистӣ: таърихӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, факторӣ, синхронӣ, мушоҳида ташкил медиҳад.

**Моҳияти илмии диссертатсия** аз омӯзишу таҳқиқи мавзуи актуалии забоншиносӣ - вижагиҳои наҳвӣ, хусусан ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар таркиби ҷумлаҳои сертаркиби забони тоҷиӣ ва муодилҳои онҳо дар забони англисӣ аз нигоҳи забоншиносӣ, **дар асоси** вижагиҳои наҳви осори таълифнамудаи Садридин Айнӣ, чун: “Ёддоштҳо”, “Куллиёт” бо забони асл ва тарҷумаи онҳо бо забони англисӣ иборат аст.

**Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст. Чунончӣ, муҳаққиқ чунин навиштааст: “Дар сохти ҷумлаҳои мураккаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ умумияти зиёд мавҷуд аст, вале дар семантикаи пайвандакҳо тафовути муайянеро низ дидан мумкин аст. Дар ин забонҳо пайвандакҳои пайвандкунанда, хос ва ҷудокунанда барои пайваст кардани қисмҳои предикативӣ дар ҷумлаи мураккаб истифода мешаванд.

Ҳамин тавр, ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда ҷумлаест, ки дар он ҷумлаи асосӣ ва як ё якчанд ҷумлаи тобеъ мавҷуд аст. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда сараъзоҳои ҷумлаи асосиро, бахусус мубтадоро, эзоҳ дода, ба саволҳои сараъзои ҷумла ҷавоб медиҳанд. Дар рисола ҳангоми муқоисаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунандаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳам монандӣ ва ҳам тафовут ба назар мерасад (автореферат саҳ. 25)

**Маводи диссертатсия**, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф метавонанд дар омӯзиши илмии масъалаҳои гуногуни наҳвшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, китобҳои дарсӣ барои факултаҳои филологияи мактабҳои олӣ ва забонҳои ќиёсшаванда, ба устодони риштаи филология, ки дар мактабҳои оливу таҳсилоти ҳамагонӣ кор мекунанд, дар хондани лексияҳо ва гузаронидани курсҳои махсус истифода шаванд, ки ин нуқта аз **аҳаммият назарии таҳқиқ шаҳодат медиҳад.**

**Маводи интишоргардида,** нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро иникос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

Доир ба мавзуи рисола 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаи илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ба табъ расидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳод гардида** аҳамияти калони илмӣ дошта, мазмуни мушаххаси таҳқиқро инъикос кардаанд.

**Хулосаи диссертатсия** муфассал аст. Он як навъ ҷамъбасти мукаммали таҳқиқот буда, ба баррасии пурра мутобиқат менамояд.

Дар баробари ҳамаи муваффакиятҳои илмию пажуҳишӣ дар автореферати диссертатсия баъзе нуқсонҳои зерин мавҷуданд:

1. Аз ҷумла, дар фишурда барои таҳлилҳо доираи наонқадар васеи дастурҳои таълимӣ истифода гардидааст.
2. Фишурда бо забони хуби илмӣ навишта шудааст, аммо ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ ба мушоҳида расиданд, ки бартараф кардани онҳо ҳусни корро меафзояд.

Аммо ин камбудиҳо арзиши аслии фишурдаро кам накардааст.

Хулоса диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна кори баанҷомрасида ҳисобида, мақола ва маводи ба чоп расонидаи муаллиф бо мавзӯи таҳқиқ мувофиқат менамояд. Бо итминони комил метавон гуфт, ки фишурдаи рисолаи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзӯи «**Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С. Айнӣ)** пурмуҳтаво ва тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба талаботи бандҳои 31-33-и тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он – Раҳмонова Дилрабо Искандаровна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ, ходими калони
шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон / / Қодирова С. А.

Имзои номзади илмҳои филологӣ:
Қодирова С. А - ро тасдиқ менамоям.
Нозири калони кадри Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон / / Нарзиқулова Ҳ

ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
хиёбони Рӯдакӣ 21,
Тел: 900 - 92 - 02 - 43.
Дода шуд: 7. 05. 2024.